# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Бозорзода Нуриддин Шодипур дар мавзӯи «Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.

аз 10 ноябри соли 2020 ш. Душанбе

Диссертатсияи доктории Бозорзода Нуриддин Шодипур дар мавзӯи «Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия)» ба яке аз мавзӯъҳои камтаҳқиқшудаи публитсистика - ташаккул ва таҳаввули жанри сафарнома бахшида шудааст. Таҳқиқи мавзӯъ дар асоси сафарномаҳои адабиёти классикии форсу тоҷик, матбуоти замони шӯравӣ ва даврони истиқлолият сурат гирифтааст. Диссертант сафарномаро дар доираи васеъ бо фаро гирифтани ҷабҳаҳои назарӣ, таърихӣ ва амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар пажӯҳиш дар бораи хусусиятҳои жанрии сафарнома, нақши муаллиф ва навъҳои он, пайдоиш ва ташаккули сафарнома аз замони Носири Хусрав то замони муосир сухан меравад. Табиист, ки сафарномаҳои адабиёти классикиро наомӯхта, махсусиятҳои онҳоро мушаххас нанамуда, ба таҳқиқи комили сафарнома даст ёфтан аз имкон берун аст. Аз ҷониби дигар, сафарномаҳои адабиёти классикӣ заминаи ба вуҷуд омадани сафарномаҳои муосир гардидаанд. Ҳамзамон, сафарномаҳои замони шӯравӣ ва даврони соҳибистиқлолии матбуоти даврии тоҷик дар робита ба ташаккулу таҳаввули матбуоти даврӣ ва анъанаи сафарноманависӣ ҳаматарафа ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Сафарнома дар матбуоти даврии муосири тоҷик ҳамчун жанри мустақил мақоми хос касб кардааст, вале хусусиятҳои жанрии он ҳамчун жанри мустақили публитсистика то ҳол пурра мушаххас карда нашудааст. Хусусан, баъди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон жанри

сафарнома хеле маъмул гардида, доираи истифодааш ҳам васеъ шуд. Истиқлолияти кишвар барои сафар ба кишварҳои хориҷӣ ва сайру саёҳат шароит ва имконоти созгор фароҳам овард. Ин ҳолат ба рушду нумӯи сафарнома бетаъсир намонд. Ин афзалиятҳои сафарнома дар матбуоти даврии тоҷик дар диссертатсия ҳаматарафа ба доираи таҳқиқ кашида шудааст, зеро бе таҳқиқи амиқу ҳаматарафа сафарномаро ҳамчун жанри мустақили публитсистика шинохтан номумкин аст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он аст, ки сафарнома дар замони истиқлолият боз ҳам рушду нумӯъ ёфт. Ин раванд тақозо мекунад, ки ҷойгоҳи сафарнома дар доираи жанрҳои журналистика муайян ва мушаххас карда шавад. Рӯ овардан ба таҳқиқи ҳаматарафаи он талаби замон аст. То кунун бисёр паҳлуҳои ин жанри машҳури публитсистика норавшан мондааст. Аз ин назар, сафарнома ва таҳқиқи он ба таври нав ва густурдатар дар асоси талаботи назарияи жанрҳои журналистика ва таҳаввулоти кунунии онҳо сурат гирифтааст. Дар диссертатсия бо усули муқоисавии таҳқиқ ва таҳлили контентӣ ташаккулу таҳаввули жанри мазкур дар асоси сафарномаҳои матбуоти даврии тоҷик, хосатан замони шӯравӣ ва соҳибистиқлолӣ нишон дода шудааст.

Дар диссертатсия осори назариявии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла таълифоти донишмандони рус В.Г. Белинский, Н.А. Добролюбов, Н.Г. Чернишевский, Д.И. Писарев, Е.Э. Бертелс, В.М. Горохов, В.Т. Афанасев, Е.П. Прохоров, А.А. Тертичний, В.В. Ученова, В.Я. Канторович, Д.Н. Логофет, Н.М. Маслова, В.А. Михелсон, Д. Молдавский, А.А. Савенков; осори муҳаққиқони тоҷик В. М. Асрорӣ, М. Шакурӣ, С. Ш. Табаров, Р. Мусулмониён, Х. Мирзозода, А. Абдуллоев, А. Мухторов, А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, Б. Камолиддинов, Х. Асозода, Т. Неъматзода, У. Каримов, П. Гулмуродзода, М. Муродов, М. Абдуллозода, А. Азимов, Ҷ. Саъдуллоев, Ш. Муллоев, М. Муқимов, С. Гулов ва дигарон дар мавриди публитсистика ва жанрҳои

публитсистика, аз ҷумла сафарнома ва махсусиятҳои жанрии он истифода гардидааст.

Дар раванди таҳқиқ аз усулҳои назариявии илмҳои гуногун, бахусус, публитсистикашиносӣ, адабиётшиносӣ, таърихнигорӣ, забоншиносӣ, сотсиология, равоншиносӣ, мантиқ фаровон истифода шудааст.

Арзиши назариявии диссертатсия дар он аст, ки аввалин маротиба жанри сафарнома ҳамчун жанри журналистика ба доираи таҳқиқ кашида шуда, хусусиятҳои жанрии он муайян гардидааст. Таҳқиқоти мазкур дар пурраю мушаххас гардидани системаи жанрҳои журналистикаи тоҷик мувофиқат намуда, фазои холии жанрҳои журналистикаро пурра месозад.

Диссертатсия арзиши баланди пажӯҳишӣ дошта, мазмун ва муҳтавои он ҷанбаҳои назариву амалии журналистикаи тоҷикро ғанӣ мегардонад. Аз натиҷаҳои илмии ҳосилшуда муҳаққиқони журналистикаву публитсистика, рӯзноманигорон, кормандони ВАО, журналистони таҳлилгар, донишҷӯёни шуъбаву факултетҳои журналистика истифода карда метавонанд.

Муҳиммият, аҳамият, навгонӣ ва ҷанбаҳои назарӣ ва амалии диссертатсияи Бозорзода Нуриддин Шодипурро ба назар гирифта, комиссияи ташхис ба чунин хулоса омад:

## Хулоса

1. Диссертатсияи доктории Бозорзода Нуриддин Шодипур дар мавзӯи «Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия)» дар маҷмӯъ, кори илмии анҷомёфта буда, мундариҷаи он ба ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ, ки Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 ба ҳимоя иҷозат медиҳад, мувофиқат мекунад.

2. Мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф (45 адад), ки 19-тои он дар маҷаллаҳои илмии ба номгӯи нашриёҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомилгардида дохил мебошанд, мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

3. Автореферат ба талаботи кори илмӣ мувофиқ буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтааст.

4. Диссертатсияи Бозорзода Нуриддин Шодипур барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-022 пешниҳод карда шавад.

5. Ба ҳайси муқарризони расмӣ муҳаққиқони зерин, ки корҳои илмию таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат мекунад, тавсия карда шаванд:

Бобоҷониён Раъно - доктори илмҳои филологӣ, дотсент, намояндаи мардумӣ дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Хоҷазод Саидмурод - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

Муминҷонов Зулфиддин доктори илмҳои филологӣ, дотсент, декани факултети режиссура, кино, телевизиони Муассисаи давлатии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода;

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров ҳамчун муассисаи тақриздиҳанда тавсия мешавад.

Раиси комиссияи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ Ҷ. Саъдуллоев

Аъзои комиссияи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ М. Муродӣ

доктори илмҳои филологӣ, профессор
узви Шӯрои диссертатсионӣ А. Азимов